# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзӯи «Тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Рисолаи унвонҷӯй Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович ба таҳқиқи проблемаи муосир – вижагиҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ бахшида шудааст. Ташаббус ва ибтикороти муаллифи рисола дар ин самти илмӣ арзёбии арзишҳои ахлоқӣ ва ҷустуҷӯи ғояҳои пешқадами ҷомеа, омӯзиши мероси таърихию фарҳангии кишвар аз нигоҳи илмӣ-педагогӣ маҳсуб меёбад. Чунонки муаллифи рисола иброз медорад, осорхонаҳо нигаҳбони асосии мероси фарҳангӣ буда, бо ҷомеа ва ҳаёти халқу кишвар робитаи қавӣ доранд. Онҳо чун муассисаи иҷтимоӣ ва таълиму тарбиявӣ ба тафаккури насли наврас ва ҷавонони муҳассил таъсири мусбӣ расонида, дар самти вусъат ва такмили арзишҳои маънавӣ, эҳсоси шаъну шараф ва ватандӯстии онҳо тавассути анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши муҳим пайдо мекунанд, имкон медиҳад, ки насли имрӯз ба гузашта ва таҷрибаи рӯзгор рӯ оварда, анъана ва асолатҳои ахлоқӣ, решаҳои аслии хешро дониста гирад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот коркарди падида ва унсурҳои навгонии мавзуи интихобшударо баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст. Аз нигоҳи муаллиф аҳамияти ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна ҳамчун рукни таркибӣ ва ҷудонашавандаи тарбияи худшиносии миллӣ собит гардида, принсипҳои мавҷуда дар ин росто тавассути осорхонаҳои кишваршиносӣ дар ташаккули мавқеи

шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеъ ва мақоми хосаро ба иҷро мерасонанд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамои мавзӯи таҳқиқ бори нахуст таҳқиқоти комил ва таҳлили илмии мукаммалро оид ба омӯзиш ва баррасии нақши арзишҳои миллӣ ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши ҳувияти миллӣ дар онҳо муайян ва ҳаллу фасл гардид. Ҷустуҷӯҳои илмӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки дар асоси истифодаи мероси педагогии халқи тоҷик роҳҳои оқилонаи ҷорӣ намудани мафҳумҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза тавассути фаъолияти осорхонаҳои мактаб бо дарназардошти хусусиятҳои педагогӣ-психологии муҳассилин татбиқ карда шаванд. Навоварии илмии тадқиқот имкон медиҳад, ки ҳисси баланди худшиносии миллии хонандагон дар масири дурусу беғалат омӯхтани маводи дар осорхонаҳои мактабӣ мавҷудбуда бедор гардад.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки доктринаи муосири миллии маориф дар Тоҷикистон дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии фарҳангии насли наврас ва ҷавонони муҳассил саҳми бориз дорад ва он аз дурнамои таърихи давлатдории халқи тоҷик шаҳодат медиҳад. Бесабаб нест, ки ғоя ва фаъолияти ҷамъиятӣ-ватандӯстию давлатӣ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ ва сохти идора дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати эҳёи осорхонаҳоро ба миён гузоштааст.

Ҳадафи асосии диссертатсия тадқиқ ва коркарди асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мебошад. Аз ҷумла, омӯхтани асосҳои педагогӣ, рушди тарбияи

мавқеи шахрвандии наврасону ҷавонон, ҳувияти миллӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ, инчунин махсусиятҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, ки барои тарбияи пурарзиши ватандӯстӣ ва инсондӯстии хонандагон роҳи васеъ мекушояд.

Муаллифи рисола таъкид дорад, ки осорхона аслан сохтори муҳимми таълиму тарбиявӣ буда, фаъолияти он дар таркиби фанҳои гуногун, амсоли фалсафа ва таърих, ҷомеашиносӣ, психология, археология ва фарҳангшиносӣ, биология, педагогика рӯшантар ҷило медиҳад. Асоснокии мавқеи муаллиф таҳлил ва бозбинии осорхонаро дар доираи васеи масъалаҳо ба миён мегузорад. Аз ин лиҳоз, равишҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ нисбат ба фаъолияти осорхона, ки олимони ватанӣ ва хориҷӣ ибрози ақида кардаанд, ба назар гирифта шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия асоснок шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ, асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ равшан ба назар мерасад. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар партави доктринаи муосири миллии маориф зарурати эҳё ва рушди осорхонаҳо ба миён гузошта шавад. Он имкон медиҳад, ки насли имрӯз ба гузашта ва таҷрибаи рӯзгор аз нигоҳи ибрат назар андохта, анъана ва асолатҳои ахлоқӣ, решаҳои аслии хешро дониста гирад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштаشуда унвонҷӯй

далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, тадқиқоти масъалаи пешгирифтаро дар робита бо истифодаи таҷрибаи пешқадам роҳандозӣ карда, дар самти ташаккули кормандон ва дастандаркорони осорхонаҳои мактабӣ дастуру тавсияҳои пурарзиш анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқати комил дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои муҳокима дар назди шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии АТТ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
сармутахассиси шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич**

09 июни соли 2023

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, ш.Душанбе, кӯчаи академик Адҳамов, 11/2.
Телефон: (+992) 918506318. E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ Саидова М.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН. РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ